**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ.).**

Принсипи давлати иҷтимоӣ ҳамчун яке аз асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ҷониби соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад, ки истифодаи он бо самаранокии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманд аст.

Ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат гурӯҳи махсуси ҳуқуқҳои инсонро ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ оид ба эҷоди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, идоракунии меҳнат, шуғл амалӣ карда мешаванд.

Ҳуқуқҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ амалӣ карда мешаванд, сониян дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, маданӣ, маъмурӣ дар шакли муносибатҳои ҳуқуқии соҳавии дахлдор мушаххас карда мешаванд. Ҳуқуқ ба озодии меҳнат, ихтиёрдории озоди қобилиятҳои меҳнатии худ, ки ҳуқуқи озодии эҷодкориро дар бар мегирад, метавонад бидуни ворид шудан ба муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро арзиши олӣ эълон кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми

хеле васеи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мавҷуд аст, ки бо усулҳои хоси худ ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат ҳимоя мекунанд.

Дар баробари давлат ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар соҳаи меҳнат аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Нововарии илмии кори диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар бо он муайян карда шудааст, ки он яке аз аввалин тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мебошад.

Таҳлили автореферат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки муаллиф дар доираи ду боб ва ҳафт зербоб танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намудааст.

Таҳлили автореферати диссертатсия шаҳодати он аст, ки он таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидадо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, хуб мешуд, ки дар рисола ва автореферат муаллиф паҳлуҳои таърихии пайдоиш ва танзими конститутсионии ҳуқуқи мазкуро таҳлил намуда, бо ҳолати кунунии танзимнамоии он муқоиса менамуд. Инчунин, қобили қабул мегардид,

агар таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар давлатҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон гузаронида мешуд.

Албатта, камбудиҳои болозикр ба сифати таҳқиқоти илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд ва хусусияти тавсиявиро доро мебошанд.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Мирзозода Шаҳриёр Мунавар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба
меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии
Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобокалонов Ғ.М.

Имзои Бобокалонов Ғ.М.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши кадрҳо ва коргузорӣ
Фаттоев М.С.______________
«_02_» ______04______ соли 2024

Суроға: ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13.
Телефон: (992 37) 227-63-64; 907 94 87 73